# Худованд раҳмат кунад мардеро, ки дар хариду фурӯш ва дар бозпасгирии қарзи худ осонгир аст

Аз Ҷобир (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Саломy дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Худованд раҳмат кунад мардеро, ки дар хариду фурӯш ва дар бозпасгирии қарзи худ осонгир аст".
[Саҳеҳ] [رواه البخاري]

Паёмбар (Саломy дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) барои касоне, ки дар хариду фурӯш осонгир ва саховатманду некрафтор ҳастанд, дуои нек фармуданд. Дар вақти фурӯш бо муштарӣ некрафтор бошад ва ба қимати муносиб ба ӯ бидиҳад. Агар аз дигарон чизе мехарад саховатманд бошад ва қимати моли онҳоро беарзиш накунад. Дар талаби қарзи худ сахтгир набошад, балки бо нармӣ ва мардонагӣ онро талаб кунад ва то метавонад ба ӯ мӯҳлати бештар диҳад, дар баробари фақирону бенавоён сангдил ва сахтгир набошад.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee